«Тасдиқ мекунам»

Директори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ

Бахтиёр Шарифзода _______________

«29» декабри 2020

Тақризи

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Ҷӯраева Замира Ғуломовна таҳти унвони "Таҳаввули жанри ҳикоя дар адабиёти урду" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.03 – адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷӣ (адабиёти урду)

Таҳқиқи адабиёти бадеӣ дар асоси навъҳои ҷудогонаи он дар нақди адабӣ ва адабиётшиносии муосир маъмул ва босамар мебошад. Як намунаи бобарори он таълифи "Таърихи адабиёти советии тоҷик. Инкишофи жанрҳо" дар шаш ҷилд ба шумор меравад, ки онро ходимони Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарии академик Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ анҷом дода буданд.

Диссертатсияи номзадии Ҷӯраева Замира Ғуломовна "Таҳаввули жанри ҳикоя дар адабиёти урду" низ, тавре ки аз ном ва муҳтавои он бармеояд, ба таҳқиқи яке аз навъҳои адабии дар насри муосири урду маъмул ва инкишофёфта – ҳикоя бахшида шудааст. Зарурати таҳқиқи мавзӯи мазкурро довталаб дар он дидааст, ки гарчи он худ ба худ муҳим мебошад, то ҳол ба таври ҷудогона ва ҳаматрафа мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Бино бар навиштаи ӯ, баъзе аз паҳлуҳои таҳаввул ва такомули жанри ҳикоя дар адабиёти урду аз тарафи муҳаққиқоне монанди Виқор Азим, Виқор Носирӣ, Накҳат Райҳонахон, Қамар Раис, Обида Бегим, Анвар Саид ва чанде дигар омӯхта шуда бошанд ҳам, таълифоти фарогире дар ин замина ба вуҷуд наомадааст.

Адабиёти нимаи дувуми садаи XIX ва садаи XX-и урду аз муҳимтарин ва бонуфузтарин адабиётҳои нимҷазираи Ҳинд ба ҳисоб меравад, зеро он аз сарчашмаҳои бисёр ғании адабиёти форсии тоҷикӣ, ҳиндӣ, санскритӣ ва дигар адабиётҳои бостониву муосири қавмҳои гуногуни Ҳиндустон об хӯрдааст. Жанрҳои адабие мисли достон, қисса, ҳикоят, ғазал, рубоӣ, марсия, қитъа асосан аз адабиёти форсии тоҷикӣ тақрибан бе тағйири шаклу муҳтаво ба адабиёти урду ворид гаштаанд. Аз ин хотир, доираи мавзӯву фарогирии

масъалаҳо дар адабиёти урдузабон назар ба адабиёт ба забонҳои дигари ин сарзамини паҳновар басо васеъ мебошад.

Насри бадеии адабиёти муосири урду, махсусан жанри ҳикоя, дар асрҳои ёдшуда аз нуқтаи назари навъҳои адабӣ, мазмуну муҳтаво ва ҳам аз лиҳози сабку ҷараёнҳои адабӣ рушду нувӯи сареътаре доштааст. Дар ин давра дар адабиёти урду нависандагони зиёде ба таълифи ҳикоя машғул гардидаанд ва ҳар кадом дар таҳким ва устувории ин навъи адабӣ саҳми қобили таваҷҷуҳе гузоштаанд.

Аз ин рӯ, таҳқиқи жанри ҳикоя заминаҳои пайдоиш ва марҳилаҳои рушди он бо фарогирии аҳволу таълифоти адабии адибони ҳикоянигор, мазмуну муҳтавои осори онҳо, усул ва сабки нигориш, саҳми онҳо дар таҳқиқи бадеии масоили мухталифи рӯзгори мардуми Ҳинд хеле муҳим мебошад, ки муаллифи диссертатсия барои омӯзиш ва пажӯҳиши онҳо ҳиммат гуморидааст.

Бино ба таҳқиқи муаллифи рисола таҳаввули навъи адабии ҳикоя дар урдузабон ба таври муфассал ва мукаммал мавриди баррасии монографӣ қарор нагирифта, балки дар зимни масъалаҳои дигар ишоратҳои судманде сурат гирифтааст. Аз ин рӯ, таҳқиқи ҳамаҷониба ва яклухти раванди ташаккул ва рушди жанри ҳикоя дар адабиёти урду вуҷуд надорад ва ин амр мӯҷиби мубрамият ва ногузирии мавзӯъ мегардад.

Аз ин ҷиҳат ба ҳимоя пешниҳод шудани диссертатсияи мавриди назар шоистаи таҳсин ва дастгирист. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки дар се боби рисолааш ва зерфаслҳои онҳо, пеш аз ҳама, заминаҳои адабӣ, таърихӣ ва иҷтимоии пайдоиши жанри ҳикояро дар адабиёти муосири урду мушаххас сохта, баъдан марҳалаҳои таҳаввул ва такомули онро дар фосилаи замонии нимаи дуюми асри Х1Х ва солҳои 90-уми асри ХХ даврабандӣ намояд. Ӯ ин кори заҳматталаб ва муҳимро дар заминаи баррасии ҳамаҷонибаи ҳикояҳои нависандагони номии урду, аз қабили Премчанд, Кришан Чандар, Ахтари Шеронӣ, Хоҷа Аҳмад Аббос, Аҳмад Надим Қосимӣ, Қурратулъайн Ҳайдар, Исмат Чиғатой, Саодат Ҳасан Манто, Раҷендра Синг Бедӣ, Масрур Ҷаҳон ва дигарон анҷом додааст.

Барои адабиётшиносии тоҷик ҷолиб он аст, ки диссертант яке аз сарчашмаҳои асоси пайдоиш ва таҳаввулу такомули жанри ҳикоя дар адабиёти урдуро дар осори манзум ва мансури адабиёти форсии тоҷикӣ, аз он ҷумла “Шоҳнома” – и Абулқосими Фирдавсӣ, “Гулистон” ва “Бӯстон”-и Саъдии Шерозӣ, “Кашф-ул-маҳҷуб” –и Ҳаҷвирӣ, “Тӯтинома” –и Зиёуддини Нахшабӣ ва ғайра дидааст.

Навгонии илмии таҳқиқот ва натиҷаҳои илмии ба даст омада, хулосаҳо ва тавсияҳое, ки муаллифи диссертатсия ба онҳо комёб гаштааст:

– бори нахуст дар ҳиндшиносии ватанӣ бо истифода аз маводи жанрҳои хурди насри урду дар фосилаи солҳои 1900-1990 раванди пайдоиш ва такомул ва таҳаввули навъи адабии ҳикоя дар таълифоти беҳтарин нависандагони Ҳиндустон дар давраи мазкур арзёбӣ мегардад;

– хусусиятҳои хоси жанри ҳикояи урду дар навиштаҳои Премчанд, Кришан Чандар, Қурратулъайн Ҳайдар, Исмат Чиғатой ва Масрур Ҷаҳон таҳқиқ мегардад;

– мақом ва мавқеи жанри ҳикоя, бо назардошти иртиботи ғояи бадеӣ дар эҷодиёти адибони шинохтаи урдузабони ин давра, ки мавриди пажӯҳишанд, муайян карда мешавад;

– намунаҳои аълои ҳикояи ин давра ва ҷиҳати шаклу муҳтаво таҳлил мегарданд, роҳҳои тозаи интихоби мавзуъ ва сабки нигориш арзёбӣ мешавад.

Доираи таҳқиқи рисола бо мақсади муайян сохтани замони пайдоишу такомул ва таҳаввули жанри ҳикояи урду, яъне насри адибони урду аст, ки фаъолияти адабиашон ба солҳои 1900-1990 рост меояд.

Ҳамчунин, бори нахуст дар адабиётшиносии ватанӣ нақш ва ҷойгоҳи жанри ҳикоя дар раванди инкишофи насри навини урду бар мабнои маҷмӯи таълифоти адибони ҳикоянигори урду оид ба сарнавишти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва тақдири мардуми Ҳинд ва бозтоби андешаи фардои онон таҳқиқ ва арзёбӣ шуда, баррасӣ мегардад, ки аз бисёр ҷиҳат бо пажӯҳишу таҳқиқи куллии насри муосири урдузабон пайванду вобаста мебошад.

Аз тарафи диссертант ба миён гузоштани як силсила масъалаҳои муҳимми назарӣ ва амалии нақди адабӣ ва адабиётшиносӣ, ба мисли таъсири адабиёти гузаштаи форсии тоҷикӣ, адабиёти муосири ғарбӣ ва адабиёти пешина ва имрӯзаи ҳиндӣ ба раванди пайдоиш,таҳаввул ва такомули жанри ҳикоя дар адабиёти урду, ташаккули равияҳои тасвири бадеӣ дар он – романтизм ва реализм, иштироки навъҳои адабии гуногун, аз ҷумла роман дар рушду такомули жанри ҳикоя ва ғайра ва кӯшиши ҳалли онҳо падидаи мусбат буда, аз арзиши назарӣ ва илмии рисолаи илмиаш шаҳодат медиҳад.

Аҳаммияти илмӣ ва амалии диссертатсияи Замира Ҷӯраева ҳамчунин дар он зоҳир мегардад, ки хулоса ва натиҷаҳои ба даст овардаи ӯ на танҳо барои таълифи таърихи мукаммали адабиёти муосири урду мусоидат хоҳад кард, балки дар дарсҳои назарӣ ва амалии таърихҳои адабиёти Шарқ, адабиёти форсии тоҷикӣ, адабиёти урду, адабиётшиносӣ ва нақди адабӣ ва ғайра истифода хоҳанд шуд.

Муҳтавои диссертатсия бо фушурдаҳои он ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ва мақолаҳои илмие, ки довталаб дар маҷаллаҳо ба табъ расондааст, мувофиқат дорад.

Аммо дар диссертатсияи мавриди назар баъзе камбудиҳо низ ҳастанд:

1. Дар “Муқаддима” гузориши масъала, баёни зарурат ва аҳаммияти таҳқиқи он  муназзам ва равшан нест.
2. Дар диссертатсия фаслу бахшҳое ҳастанд, ки ба мавзӯи асосии он камтар иртибот доранд, аз ҷумла баёни раванди умумии насри муосири урду, таърихи пайдоиш ва таҳаввулу такомули романи урду ва ғайра.
3. Агар диссертант дар “Хулоса” натиҷаҳои илмии рисолаашро вобаста ба ҳар марҳалаи инкишофи жанри ҳикоя дар адабиёти урду ва вижагиҳои онҳо зикр мекард, арзиши илмии онро бештар мекард.
4. Забон ва баёни рисола таҳрири ҷиддӣ мехоҳад. Дар он ҷумлаҳои хароб, истифодаи нодурусти калима ва таъбиру таркибҳо, риоя накардани қоидаҳои имло зиёд ба назар мерасанд. Нигаред ба саҳифаҳои 3, 4, 5, 6, 7, 8, 9, 11, 12, 13, 14, 15, 18, 26, 31, 32, 34 ва ғ. ва ҳ. к.
5. Хатоиҳои фаннӣ низ кам нестанд. Чунончи дар чанд саҳифа иқтибос ҳаст, вале зикри манбаъи он нест (Саҳифаҳои 68, 77, 95, 106 ва ғ.).

Бо ин ҳама диссертатсияи Ҷӯраева Замира Ғуломовна “Таҳаввули жанри ҳикоя дар адабиёти урду” таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.03-Адабиёти кишварҳои хориҷӣ (адабиёти урду) мебошад.

Тақриз дар маҷлиси шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон баррасӣ ва тасдиқ шудааст. Дар маҷлис 10 иштирок доштанд ва овоз доданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” 10 нафар, “муқобил” нест, “бетараф” нест. Қарори №5, 29 декабри 2020.

Тақриз аз тарафи ташхисгар Муҳаммадиев Ш.М., номзади илми филология, ходими пешбари илмии шуъбаи таърихи адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ омода карда шудааст.

Раиси ҷаласа
ходими пешбари
илмии Институт н.и.ф. — Набиев А.М.

Котиби ҷаласа
ходими пешбари
илмии Институт н.и.ф. — Маликова А. С.

Ташхисгар ходими пешбари
илмии Институт н.и.ф. Муҳаммадиев Ш.М.

Имзоҳои Набиев А.М., Маликова А.С. ва Муҳаммадиев Ш.М. - ро тасдиқ мекунам:

мудири шуъбаи кадрҳои Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ Нарзиқулова Ҳ.М.

**Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21.**
**E-mail: iza_rudaki21@mail.ru**
**Тел.: (+992)2272907; (+992)** 2273378; **(+992)** 2277550 ва (+992) 2272426